**Стратегияи ҳамкории Гурӯҳи Бонки ҷаҳонӣ бо Тоҷикистон барои солҳои 2026–2031**
**Хулосаи машваратҳо бо ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ҷавонон, доираҳои илмӣ ва марказҳои таҳлилӣ**

**12 феврали соли 2026**
**Маҷлисгоҳи меҳмонхонаи "Ҳилтон", ш. Душанбе**
**бо пайванди маҷозӣ бо иштирокчиён аз вилояти Суғд, ВМКБ, НТҶ ва дигарон**

Машваратҳо бо намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ оид оид ба Стратегияи ҳамкорӣ бо кишвар (CPF) барои солҳои 2026-2031, ки аз ҷониби Гурӯҳи Бонки ҷаҳонӣ пешниҳод карда шуд, санаи 12 феврали соли 2026 дар ш. Душанбе баргузор гардиданд, ки дар он намояндагони ташкилотҳои ҷамъиятӣ, иттиҳодҳои касбӣ, муассисаҳои тадқиқотӣ, донишҷӯён ва омӯзгорони донишгоҳҳо бевосита шахсан ва дар шакли онлайн иштирок намуданд (нигаред ба Замима).

Дар давоми муҳокимаҳо доираи васеи таҷрибаҳои соҳавӣ, аз он ҷумла дар соҳаи идоракунӣ, рушди бахши хусусӣ, инкишофи сармояи инсонӣ ва таҳаввули рақамӣ инъикос гардид.

**<u>Масъалаҳои асосии баррасишуда:</u>**

**Дастрасии ташкилотҳои ҷамъиятӣ (ТҶ) ба маблағгузорӣ ва механизмҳои амалисозӣ**

Иштирокчиён қайд намуданд, ки идоракунии грантҳои калон барои ташкилотҳои алоҳидаи ҷамъиятӣ метавонад мушкил бошад ва шумораи ТҶ қобили иштирок дар татбиқи лоиҳаҳоро маҳдуд созад. Иштирокчиён имконияти ташкили механизмҳои нисбатан хурд, тағйирпазир ва дастраси пешниҳоди грантҳоро бо мақсади вусъатдиҳии иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳавасмандгардонии навовариҳо дар сатҳи маҳаллӣ пешниҳод намуданд.

Бархе аз иштирокчиён давраҳои қаблиро ба ёд оварданд; он замон грантҳои хурд ба ТҶ имкон медоданд лоиҳаҳои аҳамияти иҷтимоӣ доштаро амалӣ созанд, ки онҳо ба афзалиятҳои ҳукумат ва эҳтиёҷоти маҳаллӣ ҷавобгӯ буданд. Онҳо хостори аз нав дида баромадани механизмҳои маблағгузорӣ шуданд, ки ба ташкилотҳои ҷамъиятӣ имкон медиҳанд ба захираҳо дар баробари барномаҳои таҳти роҳбарии ҳукумат татбиқшаванда бевосита дастрасӣ пайдо намоянд ва ҳамзамон ҳисоботдиҳӣ ва назорат нигоҳ дошта шавад.

**Сиёсати ба далелҳои воқеӣ асосёфта, маълумотҳо ва зарфияти таҳлилӣ**

Як қатор иштирокчиён аҳамияти равишҳои ба далелҳо асосёфтаро дар мавриди таҳияи барномаҳои рушд ва сиёсат хотиррасон намуданд. Нигаронӣ нисбати имкониятҳои маҳдуди таҳлил ҳам дар муассисаҳои татбиқкунанда ва ҳам дар доираҳои коршиносони мустақил иброз гардид, ки ин метавонад сифати ислоҳотро коҳиш диҳад ва қобилияти арзёбии таъсири онҳоро маҳдуд созад.

ТҶ аз намояндагони Гурӯҳи Бонки ҷаҳонӣ (ГБҶ) идомадиҳӣ ва вусъатдиҳии дастгирии корҳои таҳлилӣ, гузаронидани ташхис, тадқиқотҳо ва ҷамъоварии маълумотҳоро дархост намуданд. Таҳкими ҳамкорӣ бо муассисаҳои илмӣ, марказҳои тадқиқотӣ ва коршиносони мустақил ҳамчун роҳи муҳим барои баланд бардоштани аҳамият ва самаранокии сиёсат

арзёбӣ гардид. Иштирокчиён қайд карданд, ки тақвияти зарфияти таҳлилӣ дар дохили кишвар ба қабули қарорҳои бештар асоснок, назорат ва арзёбии муассиртар ва инчунин ба дарки бештар равшани натиҷаҳои ислоҳот дар сатҳи ҷамоаҳо мусоидат хоҳад намуд. Кормандони ГБҶ дар мавриди аҳамият доштани дониш дар сатҳи маҳаллӣ ва аҳамияти таҳия намудани сиёсат дар асоси далелҳои воқеӣ комилан розӣ буданд. Дар баробари гузариши кунунӣ ба "бонки донишҳо"-и муташаккил ҳамкорӣ дар соҳаи маҳсулоти дониш аҳамияти бештарро дар оянда касб хоҳад кард.

**Рақамикунонӣ ва инкишофи малакаҳои рақамӣ**

Намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки дар соҳаи омӯзиши рақамӣ, навовариҳо ва ҷалби ҷавонон фаъолият доранд қайд намуданд, ки таваҷҷуҳ ба инкишофи малакаҳои рақамӣ, аз ҷумла дар чунин соҳаҳои нав ба монанди зеҳни сунъӣ меафзоянд. Иштирокчиён ташаббусҳои ҷорӣ ва бонақшагирифташударо, ки аз ҷониби ГБҶ дастгирӣ мешаванд, истиқбол намуданд ва ба идомадиҳии ҳамкорӣ бо ташкилотҳои ҷамъиятие даъват карданд, ки бевосита бо ҷавонон, мактабҳо ва ҷамоаҳо кор мекунанд.

Иштирокчиён қайд намуданд, ки саводнокии рақамӣ ва дастрасӣ ба технологияҳои муосир метавонанд нақши таҳаввулофарро дар беҳтар намудани хизматрасониҳо ва васеъгардонии имкониятҳои иқтисодӣ, бахусус дар байни ҷавонон, иҷро намоянд.

**Муҳити соҳибкорӣ, идоракунӣ ва андозбандӣ**

Иштирокчиён аҳамияти мавҷудияти фазои одилона, пешгӯишаванда ва шаффофи меъёрии ҳуқуқӣ ва андозро барои таҳкими муҳити соҳибкорӣ дар Тоҷикистон ва ҷалби сармоягузориҳо, аз он ҷумла сафарбарнамоии захираҳои дохилӣ таъкид намуданд. Онҳо қайд карданд, ки татбиқи номунтазами қоидаҳои андоз, иҷрои ихтиёрии талаботҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва шаффофияти маҳдуд метавонад эътимодро заиф созад ва рушди корхонаҳои хурд ва миёнаро боздорад. Дар мавриди ҳадди низоми соддакардашудаи андоз, ки метавонад ширкатҳоро аз васеъшавӣ ва бақайдгирии расмӣ боздорад, нигарониҳо иброз гардиданд, зеро баъзе корхонаҳо барои нигоҳ доштани мақоми соддакардашудаи худ, дар ҳаҷми хурд боқӣ монданро афзалтар медонанд. Иштирокчиён қайд карданд, ки чунин пӯё (динамика) метавонад ба маҳсулнокӣ, рақобатпазирӣ ва имкониятҳои сармоягузорӣ дар дурнамои дарозмуддат таъсир расонад.

Илова бар ислоҳкуниҳои техникӣ, иштирокчиён аҳамияти ташкили низоми шаффоф ва ҳисоботдиҳандаи андоз, таҳкими зарфияти институтсионалӣ ва тақвият бахшидани эътимод байни андозсупорандагон ва давлатро ҷиҳати дастгирии устувории молиявӣ ва рушди иқтисодии фарогир дар дурнамои дарозмуддат таъкид намуданд.

**Сармояи инсонӣ, ҷавонон ва инкишофи малакаҳо**

Рушди сармояи инсон ба мавзӯи байнисоҳавии ҳамаи машваратҳо табдил ёфт. Иштирокчиён қайд карданд, ки ҷавонон ҳиссаи назарраси аҳолии Тоҷикистонро ташкил медиҳанд ва ҳам баҳрабарандагон ва ҳам иҷрокунандагони асосии ислоҳот дар аксари соҳаҳо, аз ҷумла дар соҳаи обтаъминкунӣ, энергетика, зерсохтор, маориф ва хизматрасониҳои иҷтимоӣ мебошанд.

Ташкилотҳои ҷамъиятӣ ба зарурати сармоягузориҳои фаъолтар ва бештар ҳадафманд дар инкишофи малакаҳо бахусус дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ, малакаҳои рақамӣ ва салоҳиятҳои муосири техникӣ таъкид намуданд. Иштирокчиён қайд карданд, ки теъдоди зиёди ислоҳот аз мавҷуд будани мутахассисони соҳибихтисос ҳам дар сатҳи миллӣ ва ҳам дар сатҳи маҳаллӣ вобастаанд. Бе малака, дониш ва имкониятҳои технологии зарурӣ хавфи боқӣ мондани ислоҳот дар сатҳи расмӣ вуҷуд дорад ё ангезаи сиёсӣ хоҳанд дошт. Дар натиҷа онҳо ба беҳбудиҳои назаррас дар ҳаёти мардум оварда намерасонанд.

Иштирокчиён инчунин қайд намуданд, ки тавсеаи ҳуқуқ ва имкониятҳои ҷавонон тавассути таҳсил, омӯзиши касбӣ ва инкишофи саводнокии рақамӣ метавонад ба афзоиши фаъолияти иҷтимоӣ ва беҳтар шудани нишондиҳандаҳои шуғл мусоидат кунад.

**Зерсохтори деҳот, гуногунсозии манбаъҳои энергия ва тобоварӣ ба тағйирёбии иқлим**

Иштирокчиён аҳамияти рушди минтақаҳои деҳотро таъкид намуда, қайд карданд, ки тақрибан 70 фоизи аҳолӣ дар манотиқи деҳот зиндагӣ мекунад. Ғайр аз ин онҳо аз намояндагони Гурӯҳи Бонки ҷаҳонӣ дар бораи нақшаҳои он илова бар дастгирии НБО-и Роғун дар самти гуногунсозии манбаъҳои энергия, аз он ҷумла манбаъҳои барқароршавандаи энергия пурсиданд.

Намояндагони ташкилотҳое, ки дар манотиқи деҳот ва дурдаст кор мекунанд таъсири мусбати лоиҳаҳои аз ҷониби ГБҶ дастгиришавандаро ба ҷамоаҳои маҳаллӣ қайд намуданд. Иштирокчиён ҷалби ҷамоаҳоро тавассути кумитаҳои деҳот, нозирони ҷавон ва ташаббусҳои алоқаманд бо иқлимро мисол оварданд ва таъкид карданд, ки механизмҳои мазкур ба таҳкими масъулият ва ҳисоботдиҳӣ дар сатҳи маҳаллӣ мусоидат мекунанд.

Дар баробари ин ТҶ таъкид намуданд, ки барои фароҳам овардани барқтаъминкунии боэътимод ва зерсохтори ба тағйирёбии иқлим тобовар дар манотиқи деҳот зарфияти маҳаллии қавитар ва устувортар лозим аст. Иштирокчиён қайд карданд, ки гарчанд сармоягузориҳо ба зерсохтор аҳамияти ҳалкунанда доранд, самаранокӣ ва устувории онҳо аз малака ва дониши онҳое вобастаанд, ки машғули банақшагирӣ, мониторинг ва хизматрасонии техникӣ мебошанд. ТҶ гузаронидани омӯзиши мақсаднокро барои тарафҳои манфиатдор дар сатҳи ҷамоаҳо, аз он ҷумла намояндагони ҷавонон ва ихтиёриёни маҳаллӣ пешниҳод намуданд.

**Ҳамгироии иҷтимоӣ ва гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ**

Иштирокчиён масъалаҳои марбут ба ҳамгироии иҷтимоӣ ва вазъи гурӯҳҳои осебпазирро ба миён гузоштанд.

Масъалаҳои асосӣ:

- Имкониятҳои пайдо намудани шуғл ва ба даст овардани даромад барои маъюбон, аз он ҷумла зарурати ташаббусҳои фарогир дар бозори меҳнат ва механизмҳои дастгирӣ дар сатҳи ҷамоаҳо;
- Тавсеаи ҳуқуқ ва имкониятҳои иқтисодии занон, махсусан дар манотиқи деҳот, ки дастрасӣ ба малакаҳо, бозорҳо ва имкониятҳои иқтисодӣ он ҷо маҳдуд боқӣ мемонад;

- Дастгирии муҳоҷироне, ки аз муҳоҷирати меҳнатӣ бармегарданд ва бисёре аз онҳо бо мушкилиҳои алоқаманд бо ҳамгироии дубора, шуғл ва истифодаи малакаҳо ва пасандозҳо рӯ ба рӯ мешаванд;
- Қонунгузории номукаммал, ки муҳофизати ҳайвонот, бахусус ҳайвоноти бесарпаноҳро танзим мекунад. Он аксари вақт ба муносибати бераҳмона ба онҳо, идоракунии нокифояи саршумори онҳо ва мавҷуд набудани механизмҳои муассири пешниҳоди паноҳгоҳ оварда мерасонад.

ТҶ таъкид намуданд, ки созмонҳои ҷамъиятӣ аксари вақт дорои имкониятҳои беҳтарин барои кор бо гуруҳҳои осебпазири аҳолӣ ва мутобиқсозии чораҳои дахолат ба воқеиятҳои маҳаллӣ мебошанд. Иштирокчиён ба ҷалби фаъолтари ҷомеаи шаҳрвандӣ дар таҳия, амалисозӣ ва мониторинги ташаббусҳои ҳамгироии иҷтимоӣ даъват намуданд ва қайд карданд, ки ТҶ метавонанд ба талаботи воқеӣ ҷавобгӯ будани барномаҳо ва расидани онҳо то манфиатбарандагони зерҳадаф мусоидат кунанд.

Намояндагони ГБҶ барои мулоҳизаҳо ва пешниҳодҳои мухталиф миннатдории худ ва инчунин омодагии худро барои ҳамкории зич бо намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ иброз намуданд. Онҳо инчунин ҳама гуна фикру андешаҳо/пешниҳодҳоро дар мавриди он, ки чӣ гуна маҳсулоти таҳлилӣ ё амалиётҳои молиявӣ метавонанд ба аҳолии Тоҷикистон таъсири ҳадди ақал расонанд, истиқбол карданд.

**Замима:**

| **Шумораи иштирокчиён:** | **Ташкилотҳои иштироккунада:** |
|---|---|
| **60 иштирокчӣ** | • Ташкилоти ҷамъиятии “Рушд ва дастгирии навовариҳо – Алмос”<br>• Ташкилоти ҷамъиятии “Равшан”<br>• Ташкилоти ҷамъиятии “Таҳлил”’<br>• Ташкилоти ҷамъиятии “Ноосфера”<br>• Ташкилоти ҷамъиятии “Ояндасоз”<br>• Ташкилоти ҷамъиятии “Рушди Инклюзия”<br>• Ташкилоти ҷамъиятии “Мададгор”<br>• Ташкилоти ҷамъиятии “Агро-Сервис Консалтинг”<br>• Ташкилоти ҷамъиятии “Хуршеди зиндагӣ”<br>• Ташкилоти ҷамъиятии “Нури ҳаёт”<br>• Ташкилоти ҷамъиятии “Моҳрӯ”<br>• Ташкилоти ҷамъиятии “Маърифати шаҳрвандӣ”<br>• Ташкилоти ҷамъиятии “Гендер ва рушд”<br>• Ташкилоти ҷамъиятии “Равшан”<br>• Ташкилоти ҷамъиятии “Хайрияи озод”<br>• Ташкилоти ҷамъиятии “Маркази забономӯзӣ”<br>• Ташкилоти ҷамъиятии “Сабзбаҳор”<br>• Ташкилоти ҷамъиятии “Мумтоз”<br>• Ташкилоти ҷамъиятии “Иқтидор”<br>• Ташкилоти ҷамъиятии “Савоб”<br>• Ташкилоти ҷамъиятии “Маркази технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ” |

| | |
|---|---|
| | • Ташкилоти ҷамъиятии “Чашмаи ҳаёт”<br>• Ташкилоти ҷамъиятии “Маориф ва маърифат”<br>• Ташкилоти ҷамъиятии “Мир разума”<br>• Ташкилоти ҷамъиятии АНТИ<br>• Ассотсиатсияи миллии мутахассисони соҳаи энергетика<br>• Ассотсиатсияи миллии корхонаҳои хурд ва миёна<br>• Ассотсиатсияи миллии шахсони дорои имкониятҳои маҳдуд<br>• Маркази байналмилалии ҳуқуқи ғайритиҷоратӣ<br>• Шабакаи минтақавии ҷавонони Осиёи Марказӣ (RYNCA)<br>• Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон<br>• Институти иқтисод ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон<br>• Донишгоҳи миллии Тоҷикистон<br>• Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон<br>• Донишгоҳи техникии Тоҷикистон<br>• Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон<br>• Донишгоҳи Славянӣ<br>• Литсеи президентӣ<br>• Литсеи №3 |